# ТАҚРИЗИ МУҚАРИЗИ РАСМӢ

**Ба диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзуи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ. ш. Душанбе - 2025 с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мақсад, вазифа, тарҳрезӣ ва усулҳои озмоиши диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзӯи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол” ба талаботи ихтисоси 14.03.06. - Фармакология, фармакологияи клиникӣ - и Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Яке аз масъалаҳои мубраму муҳими соҳаи тандурустии имрӯза беҳдошти солимии аҳолӣ ва пешгири бемориҳо арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз барои табобати бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ имрӯз асосан доруҳои синтетикӣ ва рустанигиро ба таври васеъ истифода мебаранд.

Муайян шудааст, ки растаниҳои шифоиро дар давоми асрҳо ҳамчун моводди табобати истифода мебурданд. Талабот ба ин навъи моводди шифоӣ, ки таркибашон аз моддаҳои фаъоли биологӣ бой аст ва имрӯз дар бозори фармасевтӣ 40%-и доруворию ташкил медиҳанд. Бояд тазаккур дод, ки имрӯз дар баробари рустаниҳои шифои инчунин равғанҳои атрогинро низ дар табобати бемориҳои ҷигар, талхадон ва маҷроҳи талхагузар ба таври васеъ истифода мебаранд. Муайян карда шудааст, ки равғанҳои атрӣ хусусияти талхаронӣ, гепатоҳифозатӣ, гиполипидемӣ, мембраноҳифозатӣ, зиддиоксидӣ, зиддитоксикӣ ва зиддиилтиҳобиро доро мебошанд. Аз ин лиҳоз омӯзиши равғанҳои атрии рустаниҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нумуъёбанда масъалаи мубрами имрӯз ба ҳисоб меравaнд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо.** Навгонии илмии диссертатсияи мазкур бешубҳа баррасишаванда буда, ба омӯзиш ва коркарди равғани атрии махмалаки майдагул (тагетол) бахшида шудааст. Бори аввал муайян карда

шудааст, ки тагетол дар калламушҳои сафеду хукчаҳои баҳрии солим ва бо $CCl_4$ заҳролдгардида тарашуҳи талхаро зиёд намуда, таркиби кимиёии талхаро тағйир медиҳад. Бори аввал хосиятҳои гепатопротекторӣ, безараркунӣ, зиддиоксидӣ, зиддитоксикӣ, дислипидемӣ ва зиддиилтиҳобии тагетол дар ҳайвонҳои озмоишӣ дар раванди заҳролудшавии ҷигар бо $CCl_4$ ва натиҷаҳои мусбати морфологӣ муайян карда шуд. Аввалин бор хусусиятҳои токсикӣ ва бехатарии тагетол дар озмоишҳои шадид ва музмин анҷом дода шуданд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд – муҳтавои диссертатия ҷавобгӯ мебошанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо.** Ҳангоми татбиқи корҳои озмоишӣ таҷҳизотҳои биохимиявии муосири дорои сертификат, ки барои гузаронидани амалиётҳои санҷишӣ бо шаҳодатномаи амаликунанда муҷаҳаз оиди истифода қарор дода шуд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо усулҳои коркарди омории дақиқ ва истифодаи барномаи компютерӣ муқарар гардида, микдори озмоишҳои дар ҳайвонҳои гуногуни эксперменталӣ амалӣ гашта басанда арзёби шудааст.

Мафқеъи илмӣ, хулосаҳо ва тавссияҳои амалии дар диссертатсия оварда шудаанд ва онҳо аз маводи воқеӣ бармеоянд ва асоснок, боэътимод, ба мазмуни кор, мақсад ва вазифаҳо мувофиқанд ва дорои аҳамияти бузург илмӣ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоиишии амалишуда, дар чорабиниҳо ва конфронсҳои иилмии дохилию хориҷӣ баррасӣ гардида, инчунин дар раванди таълимии кафедраи фармакология ва биохимияӣ МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” кафедраи технолигияи фарматсевтӣ ва фармакологияи факултети фарматсияи ДМТ кафедраи биохимияи ДДТТ (2022), мавриди истифода қарор дода шуд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи омодашуда, аз муқаддима, таснифи умумии кор, шарҳу тафсири мухтасари адабиёти илмӣ, 6 боби таҳқиқоти озмоишӣ, хулоса, руйхати адабиёт. Кори дисертатсионӣ 39 расм

ва 32 ҷадвалро дарбар мегирад. Ба руйхати адабиёт 243 сарчашма ворид гардида, 93- тои он бо забоҳои хориҷӣ дарҷ гардидааст.

Дар муқадимаи диссертатсия оиди мубрамияти масъалаҳои ҳалталаби соҳаи омӯзиши равғанҳои атрӣ дар самти бемориҳои ҷигару ситемаи гепатобилиарӣ ва ҳалли онҳо байён гардидааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ба таври саҳеҳ муайян шудаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсия шарҳи мукамали адабиёт оид ба таснифи биологӣ, химиявӣ, хусусиятҳои физикию химиявӣ ва истифодаи махмалакҳо дар ғизо, тибби мардумӣ ва муосир маълумоти дақиқ оварда шудааст. Инчунин дар боби мазкур оиди хусусиятҳои гепатопротекторӣ, зиддиилтиҳобӣ, гиполипидемии равғанҳои атрӣ, таркиби кимиёии равғани эфирии махмалаки майдагул ва озмоишҳои эксперименталӣ нисбати хусусиятҳои гепатопротектории он маълумот дода шудааст. Аз тарафи муллиф 243 манбаҳои илмӣ таҳқиқ ва бараси шудааст.

**Дар боби дуюм –** бо истифоди миқдори басандаи ҳайвонҳои озмоишӣ ва усулҳои биохимиявӣ, фармакологӣ, морфологӣ оди хусусиятҳои талхаронӣ, гепатоҳифозатӣ, зиддиоксидӣ, зиддитоксикӣ ва зиддиилтиҳобӣ ва бехатарии тагетол бо истифодаи дастгоҳҳо ва биолатестҳои муосир, ки барои ҳалли мақсад ва вазифаҳои диссертасия равона шудаанд арзёбӣ гардидаанд.

**Дар боби сеюм -** ба омӯзиши хусусияти талхаронӣ дар ҳайвонҳои солим ва бо заҳри ҷигаркуши $CCl_4$ заҳролудгардонидашуда ва таъсири гепатопротектории тагетол бахшида шудааст. Диссертант дар ин боб бо истифодаи усулҳои озмоишӣ аз ҷумла усули токсикии $CCl_4$ ба таври мукаммал таъсири воҳои гуногуни тагетолро ба фаъолнокии маркерҳои ситолитикӣ ва холестаз, инчунин нишондиҳандаҳои зиддитоксикӣ, зиддиоксидӣ, сатҳи сафедаҳо, липидҳо, билирубин ва маълумотҳои морфологии ҷигари ҳайвонҳои озмоишро нишон дода, овардааст, ки тагетол дар вояҳои 0.01, 0.02, 0.04г/кг вазн хусусияти эътимодноки гепатоҳифозатро доро аст. Диссертант инчунин барои муайян намудани хусусияти

зиддитоксикии тагетол усули хоби этаминалиро истифода бурда, майян намудааст, ки тагетол хусуияти самарабахши зиддитоксикиро доро аст.

**Дар боби чорум –** хусусиятҳои гиполипидемии тагетол мавриди озмоиш қарор дода шудааст. Дар ин раванд барои муайян намудани хусусияти мазкури тагетол усулҳои гиперлипидемияи атерогении холестеринӣ ва гиперлипидемияи твинӣ (Твин-80) истифода гардидааст. Аз ҷумла аз тарафи дисртант ҳангоми воридкунии дохилимеъдавии якмоҳа ва думоҳаи моводди холестеринӣ муайян карда шудааст, ки сатҳи липидҳо ва липопротеидҳои таркиби хунобаи онҳоро ба таври эътимоднок зиёд намуда, нишондиҳандаи липопротеидҳои зичиашон баланд ва фосфалипидҳоро коҳиш медиҳанд. Дар баробари ин тагетол дар вояҳои озмоишӣ аз ҷумла (0.02, 0.04 ) г/кг вазн дар муҳлатҳои нишондодашуда сатҳи хоестерин ва липопротеидҳои атерогениро коҳиш дода, микдори липопротеидҳои зичиашон баланд ва фофалипидҳоро баланд мекунад, ғайр аз ин тагетол ҳангоми гиперлипидемияи твинӣ низ хусусияти эътимодноки гиполипидемӣ нишон медиҳад. Тагетол инчунин дар раванди гиперлипидемияи холестеринӣ нишонди-ҳандаҳои зиддитоксикӣ, зиддиоксидӣ ва фаъолнокии маркерҳои синроми ситоли-тикӣ ва холестазро ба танзим меорад.

**Дар боби панҷум –** дар боби мазкур дисертант хусусиятҳои зиддиилтиҳобии тагетолро бо истифода аз усулҳои озмоишие, ки бо истифодаи медиаторҳои илтиҳобовари (гистамин, формалин ва сератонин) амалӣ мешаванд мавриди омӯзиш қорор дода, муайян намудааст, ки тагетол ҳангоми илтиҳоби артритии соқу пойпанҷаи қафои калламушҳо дар вояҳои нишондодашуда, сатҳи варами артритиро самаранок коҳиш медиҳад, ки ин аз хосияти зиддиилтиҳобии моводди озмоишӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Дар боби шашум –** ба масъалаҳои фармакологияи умумӣ ва беҳатарии тагетол бахшида шудааст. Аз ҷумла дар он оиди омӯзиши бехатарии вояҳои гуногуни тагетол дар шароити озмоиши шадид ва музмин бо роҳи ворид намудани дохилимеъдавии тагетол гузаронида шуда, муайян гардидааст, ки моводди мазкур чӣ дар озмоиши шадид ва чӣ музмин хусусияти ками токсикӣ нишон медиҳад.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Дар натиҷаи таҳақиқотҳои озмоишӣ хусусиятҳои гепатоҳифозатӣ, талхаронӣ, зиддиоксидӣ, зиддиилтиҳобии тагетол, ки дар асоси равғани атрии махмалаки майдагули дар ҳудуди ҶТ парваришёбанда, ҳамчун моводди гепатоҳимоявӣ, талхарон, гиполипидемӣ барои табобати бемориҳои ҷигар, системаи гепатобилиарӣ ва бемориҳои илтиҳобии этиологияи гуногундошта тавсия мешавад. Ва дар истеҳсолот ба роҳ мондани доруи тагетол ҳамчун моводи табии ивазкунандаи доруҳои воридотии синтетикӣ аз лиҳози иқтисодӣ барои аҳолӣ камхарҷу дастрас арзёбӣ мегардад.

7. **Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи дисертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаю тезисҳои илмӣ, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайдгирифташуда, интишор гардида, 10 тезису маъруза дар конфронсҳои илмию амалӣ пешниҳод шудааст ва патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироъ ба даст оварда шудааст.

8. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Автореферт, ки аз диссертатсия бар меояд ба талаботи тартиби додони дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои ва граматикӣ ҷой доранд. Саволҳо ба унвонҷӯ пешниҳод мегардад.

1. Таъсири гиперлипидемии холестеринӣ аз таъсири гиперлипидемии твинӣ чӣ фарқият дорад ?
2. Сабаби фаъолшавии марекрҳои синдроми ситолитикӣ ва холестазро ҳангоми гепатити токсикӣ чӣ тавр шарҳ медиҳед ?

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна дар мавзуи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06. - Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
**Раҳимов Исматулло Фатҳулоевич**
**мудири озмиишгоҳи институти**
**химияи ба номи В.И.Никитин**
**узви вобастаи АМИТ доктори**
**илмҳои тиб., профессор**
**«25» 02 2025с**

**Суроға:734001,Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,**
**бинои 6, ҳуҷраи 1**
**Тел: (+992) 919002462**
**E-mail: info@ ikai.tj**

**Имзои Раҳимов И.Ф - ро тасдиқ мекунам:**
**Сарнозири шуъбаи кадрҳои институти**
**химияи ба номи В.И.Никитин**
**АМИТ Раҳимова Ф.А**

**Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 299/2.**
**Тел: (992 37) 225 80 95.**
**E-mail: info@ ikai.tj**
**«25» 02 2025с**